# МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ «ЛИБОСИ МИЛЛӢ – РУКНИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 29 May, 2023 - 13:05

[1]

Дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳои неки аҷдодӣ, аз байн бурдани тамоюли бегонапарастӣ ва ташвиқу таблиғи либоси зебои миллӣ – атласу адрас ва чакан рӯзи 29-уми майи соли 2023 бо иштироки бонувони Кумита мизи мудаввар дар мавзуи «Либоси миллӣ – рукни фарҳанги миллӣ» баргузор гардид. Чорабиниро раиси Шурои занони Кумита Фарҳодова С.А. бо суханони муқаддимавӣ оғоз

намуда, сипас кормандон – Давлатшоева М.Б., Буриева Ш. ва Маҳмадёрова Г.М. оид ба эҳтирому арҷ гузоштан ба фарҳанги миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги либоспӯшӣ, шарҳу тавзеҳи вожаи «чакан» ва таблиғу ташвиқи либоси миллӣ ҳамчун як рукни фарҳанги миллат суханронӣ намуданд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (7 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

- 

-

-

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/6933?mini=2025-06

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/IMG-20230529-WA0006.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230529-WA0007.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230529-WA0006.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230529-WA0004.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230529-WA0001.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG-20230529-WA0000.jpg